# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ Боқиев Р.У. ба рисолаи номзадии Шамсияи Тоирхон дар мавзӯи «Саҳми таҳқиқотчиёни рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони Маркази ва Ҷанубӣ (1920-2000)» барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300-Таърих (6D020303 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйироти босуръати иҷтимоию сиёсӣ омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи халқҳо ва мардумон, таҳлили равандҳои этникию фарҳангии онҳо аҳамияти махсус пайдо менамояд. Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар таҳқиқи саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши фарҳанг, тарзи зиндагӣ, урфу одат, анъанаҳои иҷтимоӣ ва хусусиятҳои антропологии аҳолии Тоҷикистон аҳамияти назарраси илмӣ ва амалиро доро мебошад.

Масоили омӯзиши таърихи воқеии миллат, ҳифз ва таҳқиқи мероси фарҳангӣ дар сиёсати пешгирифтаи давлат мавқеи муҳим дорад. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд, ки омӯзиши амиқи таърихи халқи тоҷик, ҳифзи мероси фарҳангӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ яке аз шартҳои муҳими рушди ҷомеаи муосир мебошад.

Дар ин замина, омӯзиши саҳми олимони хориҷӣ дар рушди илми мардумшиносӣ ва антропологӣ аҳамияти муҳими илмӣ ва методологӣ дорад ва яке аз самтҳои муҳим дар илми таърихнигории халқи тоҷик ин таҳқиқи саҳми илмии муҳаққиқони рус дар омӯзиши таърихи этникӣ, фарҳангӣ ва антропологӣ мебошад.

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот ҳамчунин дар он зоҳир мегардад, ки имрӯз бархе аз донишмандон бо пешниҳоди «консепсияҳо» ва «фарзияҳои» мухталифи дорои хусусияти пантуркистӣ ва ифротӣ, бо мақсади арзёбии коста ва нодурусти нақши тоҷикон дар таърихи Осиёи

Марказӣ воқеияти таърихиро ҳадафмандона таъриф мекунанд. Бар хилофи ин гуна «донишмандон,» муҳаққиқони рус равандҳои таърихию фарҳангӣ ва этникии аҳолии Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубиро беғаразона, бетарафона ва холисона омӯхта, ҷойгоҳ ва нақши воқеии аҷдодони тоҷикро дар таърихи тамаддуни минтақа ва ҷаҳон муайян кардаанд.

Ташаккул ва рушди илми муосир дар Тоҷикистон бо фаъолияти пурмаҳсулу наҷибонаи олимон ва сайёҳони рус алоқамандии зич дорад. Муҳимияти мавзуи таҳқиқот ҳамчунин аз он иборат аст, ки омӯзиш, таҳлил ва истифодаи таҷрибаи муҳаққиқони рус дар бунёди мактаби таърихӣ-мардумшиносии тоҷик, ҳалли масъалаҳои мубрами мардумшиносӣ, рушди илми таърих ва мадумшиносӣ дар Тоҷикистон ва тарбияи насли нав мусоидат кардааст. Маҳз бо ташабусси таърихнигорон ва мардумшиносони рус ҷиҳатҳои гуногуни тарзи зист, урфу одат, эътиқод, оиладорӣ, маданият ва маърифати зиндагии ниёгони тоҷиконро, қадре ҳам бошад маълумотҳои нодир ба даст овардаем.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот ҳамчунин дар он зоҳир мегардад, ки солҳои 20-ум – 90-уми асри XX оид ба этногенези халқи тоҷик таҳқиқоти мардумшиносӣ ва антропологӣ аз тарафи муҳаққиқони рус афзун гардид. Муаллиф дар доираи таҳқиқот осори илмии як қатор муҳаққиқони русро, ки дар омӯзиши фарҳанг, тарзи зиндагӣ, урфу одат, ва хусусиятҳои антропологии Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ саҳми назаррас гузоштаанд, мавриди таҳлили муфассал қарор додааст.

Бо ташабусси этнографҳо ва антропологҳои рус М.С.Андреев, А.К.Писарчик, Н.А.Кисляков, Р.А.Неменова, З.А. Ширококва ҷиҳатҳои гуногуни тарзи зист, урфу одат, эътиқод, маданият, маърифати зиндагии ниёгони тоҷиконро зери таҳқиқот қарор дода, дар осори илмиашон инъикос намуданд.Баррасии масоили мардумшиносӣ ва антропологии ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикисон аҳамияти илмӣ, назариявӣ ва амалӣ дошта, дар шароити соҳибистиқлолии кишвар ба раванди

ташаккулёбии худшиносии миллии халқи тоҷик такони тоза мебахшад.

Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот хеле васеъ ва гуногунҷанба буда, он ба чаҳор гурӯҳ ҷудо карда шудааст, ки онҳо таҳлили сарчашмаҳои таърихнигорон ва мардумшиносони руси охири асрҳои XIX – ибтидои асри XXI –ро дар бар мегиранд. Қисми муҳими пойгоҳи сарчашмашиносӣ аз маводи бойгониҳои Федератсияи Россия, аз ҷумла бойгониҳои шаҳри Санкт-Петербург(Кунсткамера), иборат мебошад. Дар ин бойгониҳо осори илмии муҳаққиқони маъруф, аз ҷумла А.К. Писарчик, З.А.Широкова, А.Н. Кандауров, А.З.Розенфелд, Н.А. Кисляков ва В.В. Гинзбург нигоҳ дошта шудаанд, ки дар он маълумотҳои нодир оиди тарзи зисту зиндагӣ, урфу одат ва маданияти халқи тоҷик инъикос ёфтаанд.

Диссертант дар навиштани рисолааш аз маъхазҳо ва маводҳои бойгонии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АМТ ба номи А.Дониш, бойгонии Марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдааст. Ҳамин нуктаро қайд кардан ба маврид аст, ки дар рисола маводҳои саҳроии на танҳо мардумшинсони рус, балки маводҳои ҷамъовардаи саҳроии худи муаллиф ҷой дода шуддаанд.

Объекти таҳқиқотро асарҳои илмии нашршуда ва ба нашр нарасида, таҳқиқотҳои саҳроӣ, маводҳои бойгонии муҳаққиқони рус, аз ҷумла, осори гаронбаҳои этнографҳо А.К. Писарчик, А.Н. Кандауров, Р.Л. Неменова, З.А. Широкова ва антропологҳо А.А. Гинзбург, Л.В.Ошанин ва В.А.Зезенкова, Т.П.Кияткина ташкил медиҳанд,

Мавзуи таҳқиқотро маълумоти таърихӣ, мардумшиносӣ ва антропологии аҳолии ноҳияҳои марказ ва ҷанубии Тоҷикистон дар асарҳои муҳаққиқони рус мебошад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори аввал саҳми муҳаққиқони русро дар омӯзиши масъалаҳои мардумшиносӣ ва антропологии минтақаҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистонро ба таври амиқ ба риштаи таҳлил кашидааст

Навгонии илмии рисоларо нуктаҳои зерин ташкил медиҳанд:

- дар асоси осори муҳаққиқони рус масоили фарҳанги моддии сокинони Кӯлоб, Муъминобод, Ховалинг ва Рашт муайян карда шуд;

- масоили мардумшиносӣ ва фарҳангии тоҷикони ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон дар таҳқиқотҳои Р.Л. Неменова ва А.К. Писарчик инъикос гардид;

- тасвири ҳунарҳои мардумӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони рус баррасӣ шуд;

- матоъҳои ҳунарӣ ва фарҳанги либоси миллӣ дар асоси таҳқиқоти мардумшиносони рус З.А.Широкова ва А.К.Нисарчик мушаххас шуданд;

- саҳми мардумшиносони рус дар омӯзиши таърихи этникӣ ва этногенези аҳолии ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор ёфт;

- масоили антропологии аҳолии ноҳияҳои ҷанубӣ ва марказии Тоҷикистон дар тахқиқоти антропологҳои рус муайян гардид.

Дар рисола бори аввал саҳми шахсии А.К. Писарчик, Р.Л. Неменова, З.А. Широкова, В.В. Гинзбург, Л.В.Ошанин дар коркарди масъалаҳои мураккаби таърих, фарҳанг, равандҳои этникӣ, инчунин масъалаҳои этногенез, таърихи этникӣ ва эътиқоди мардуми Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ ҳамаҷониба инъикос гардидааст.

Диссертант як қатор асарҳои чопнашуда ва нотамоми А.К. Писарчик, З.А. Широкова, Л.М. Неменова, А.З. Розенфельд, Н.А.Кисляков, Н.А.Кандауров, В.В.Гинзбург, Л.В. Ошанинро бо мақсади оммавӣ гардонидан, ки дар онҳо хаёт, эътиқод ва расму оинҳои анъанавии тоҷикони қисмати марказ ва ҷануби Тоҷикистонро тавсиф мекунанд, ба риштаи таҳқиқот кашидааст.

Бори аввал дар рисола натиҷаҳои экспедитсияҳои таърихӣ-мардумшиносӣ ба ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон, аз ҷумла солҳои 1940,

1948-1949, 1952-1953 (вилояти Кӯлоб), 1954 (Дарвоз), 1955-1956 (Каротегин), 1968—1969 (Норак), 1970 (Шаҳритуз) инъикос шудаанд. Ҳамчунин, қайд кардан ба маврид аст, ки диссертант дар навиштани рисола аз маводҳои ҷамъовардаи саҳроиаш истифода бурдааст.

Муқаррароти ба дифоъ пешнихрдшуда аз мазмун ва мӯҳтавои диссертатсия бармеояд ва он асоси илмию мантиқӣ дорад. Диссертант хулосаҳои таҳқиқотро натиҷагири карда онҳоро дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ сатҳи байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расонда, аз ҷумла дар конференсияи сатҳи байналмилалии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМТ ки ба саҳми муҳаққиқони маъруф бахшида шуда буд,пешниҳод кардааст.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо, маъхазҳо, маводҳои бойгонӣ ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Боби аввали диссертатсия «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши мардумшиносии Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ» номгузорӣ шуда, он аз ду зербоб иборат мебошад, ки дар онҳо масъалаҳои таҳқиқоти мардумшиносони рус дар минтақа инъикос гардидааст. Дар зербобҳо омӯзиши фарҳанги моддии сокинони Кӯлоб, Муъминобод, Ховалинг ва Рашт дар осори муҳаққиқони рус ва нақши Р.Л. Неменова, А.К. Писарчик дар омӯзиши мардумшиносӣ ва фарҳанги тоҷикони Варзоб ва вилоятҳои Ғарму Кӯлоб ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Дар боби дуюм бошад омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ, фарҳанги либоси анъанавӣ, матоъҳои хунарии сокинони Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ дар таҳқиқотҳо ва осори илмии мардумшиносони рус хусусан З.А. Широкова бахшида шудааст.

Боби сеюми рисола бошад нақш ва саҳми илмии муҳаққиқони русро дар омӯзиши таърихи этникӣ, этногенези аҳолии ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Дар доираи саҳми муаррихони рус дар илми мардумшиносӣ ва

антропологӣ то ба ҳол мавриди таҳлили амиқ қарор дода нашудааст. Бинобар ин рисолаи диссертатсионии Шамсияи Тоирхон дар мавзуи «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ (солҳои 1920-2000)» таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, натиҷагириҳои унвонҷӯй баёнгари муқаррароти асосии пешниҳодшуда барои дифоъ мебошад.

Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки рисола аз рӯи сохтор, мазмун ва баёни матолиби таҳқиқиот ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300-Таърих (6D020303 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мебошад.

Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои таърих,
дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Боқиев Р.У.

Суроға: 735360, Тоҷикистон, ш.Кӯлоб,
кӯчаи С.Сафаров 16. Тел:(+992)-988868649
E -mail: rbakiev@mail.ru

Имзои н.и.т., дотсент Боқиев Р.У.-ро
**«тасдиқ»** мекунам

Сардори РК ва КМ Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатов М.А.

«20» 05 2025.